ДАР ИН ШУМОРА: 1 8 äåêàáð РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ
ХАБАРҲОИ 02
ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲЕМ! 2
3
ЖУРНАЛИ ЭЛЕКТРОНӢ
АЗ ЗАҲРИ ГАЗ ЭҲТИЁТ ШАВЕД! 4

**Соли 2020 - Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ**

*Ману ту зодаи кӯҳи баландем,*
*Ба мо пастӣ намезебад, бародар!*

# Садои СӮХ

№13
(6431)
10 декабри соли 2020

РӮЗНОМАИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА АДАБӢ-БАДЕӢ

РӮЗНОМАИ ҲОКИМИЯТИ НОҲИЯИ СӮХ

ОҒОЗИ НАШР ФЕВРАЛИ СОЛИ 1951

## АХБОР

Дирӯз дар ҷамъомади назди ҳоким, ки бо иштироки роҳбарони идораву ташкилотҳо ва раисони маҳалла баргузор гашт, ҳокими ноҳия С. Сайидмӯсаев дар бораи фаъолияти секторҳо ва ривоҷёбии ноҳия сухан кард. Ҳоким инчунин оид ба вазифаи маслиҳатчии ҳокими ноҳия тавсия шудани Ортиқбой Ҷалолов гуфта гузашт.

Дар ҷамъомад ба як гурӯҳ шаҳрвандон нишони сарисинагии "Меҳр-Саховат" супурда шуд, ки байни онҳо Ф. Додокаримов, Т. Додобоев, Х. Насриев, З. Гадоев, Д. Наҷмиддинов, Ф. Домуллоев, З. Эралиев, С. Нишонов ва чанде дигарон буданд. Тақдиронӣ ба ҳамаи раисони маҳаллаҳо низ шуда гузашт.

Дар ҷамъомад инчунин оиди дафтари ҷавонон ва занон низ сухан рафт. Сардори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия Қ. Раҳимбердиев дар бораи камбудиҳои барқ, сарвари хизмати амнияти миллӣ М. Комилов оиди ҷавонон ва диндорӣ ҳарф заданд.

Дар охир оиди тайёрӣ ба гузаронидани Рӯзи Конститутсия - 8 декабр низ сухан рафт.

Ҷамъомад ба ҳозирон таассуроти хуб бахшид.

## ТАҶЛИЛИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ

Дар Хонаи маданияти Сӯх ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба рӯзи қабули Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар он ҳокими ноҳия С. Сайидмӯсаев доир ба нақши ин рамзи давлатӣ сухан кард ва иштирокчиёнро муборакбод намуд.

Прокурори ноҳия Ф. Абдувалиев ба сухан баромада мавҳуми Конститутсияро шарҳ дод ва Қонуни асосии давлат будани онро таъкид кард. Ҳамчун қонуни асосӣ ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ин ҳуҷҷат нишон дода шуда, ҳимояи он низ баррасӣ гардидаст. Асоси ҳаёти моро Конститутсия ифода мекунад - гуфт ӯ.





Сипас, ба шарафи Рӯзи Конститутсия як гурӯҳ котибон ва сарварони кумитаи занони маҳаллаҳо бо нишони сарисинагии "Меҳр ва саховат" сарфароз гардонида шуданд.

Фахриён ва фаъолоне, ки барои рушди ноҳия саҳми босазо гузоштаанд, бо тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдиронида шуданд. Ба гурӯҳи толибилмоне, ки дар озмунҳои варзишӣ иштирок карда, шарафи Сӯхро ҳимоя намудаанд, грамота ва дипломҳо дода шуд.

Ба хизматчиёни ҳарбӣ, ки барои мустаҳкамии сарҳади Ватан, таъмини бехатарӣ шабу рӯз монда нашуда меҳнат мекунанд, фахрияномаҳо дода шуд.

Бо иштирокчиёни ҷамъомад баромади дастаи ҳаваскорони Хонаи маданият, хонандагони мактаби рақами 5 хеле писанд омад.

**Содиқон ТОҲИРОВ.**

## ЗАМИНА БА ҲОСИЛИ НАВ

-Аз нишондиҳандаҳои имсолаи ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ мамнун шудем, - мегӯяд раиси хоҷагии ширкати "Озод" Мӯсоҷон Сотиволдиев - Дастовардҳо азбаски дилхушкунандаанд, тамоми ҷамоаи хоҷагиро боз барои забти корҳои бунёдкорона раҳнамун месозад. Аз 123 гектар кишти картошка 1968 тонна, аз 174 гектар майдони гандум 1095 тонна ҳосилро рӯёнидан худ аз худ намешавад. Ин натиҷаи пурсамари аъзоёни ширкатамон аст. Ба замми ин аз 31 гектар кишти сабзавот ҳам ҳосили мӯл рӯёнида шуд. Умуман, аз ҳар як ваҷаби 368 гектар майдони кишт оқилона истифода бурда дурри мақсуд ба даст овардем. Бояд гуфт, ки соли хоҷагии сипарӣ табъи дил ҷамъбаст шуд, ки дар он тамоми иҷорачиёни 6 қитъа аз таҳти дил заҳмат кашиданд.



Алҳол дар хоҷагӣ аллакай кишти гандум ба поён расидааст, ки дар он ҳиссаи механизаторон Э. Оламов, Ф.Қунғиров, Д. Эргашев, Н. Расулов, сарвари иҷоракорон А. Мирзоев, Ҷ. Низомиддинов, Б, Иргашевҳо хеле калон аст. Ҳоло дар майдони киштзор корҳои нигоҳубин ва парвариши тирамоҳӣ дар авҷ аст. Аллакай давраи дуюми обёрии тирамоҳиро ба анҷом расониданд, ки 110 гектари он дорои 3-4 барг, 60 гектараш дар фазаҳои ривоҷёбии 1-2 барга мебошад.Майдонҳои боқимондаи кишт ҳам дар мадди назари мутахассисону масъулони хоҷагист.



-Корҳои тирамоҳии хоҷагии қишлоқ сад андар сад ба иҷро расид гӯем хато намешавад, - гуфт сарагрономи хоҷагӣ Додохон Яқубов - Шудгори тирамоҳӣ алҳол поён меёбад, ки майдони умумии онҳо 60 гектарро ташкил медиҳад. Дар обёриву озуқонидани майдони кишт ва таъмину захиракунии поруҳои маҳаллӣ иҷорачиён фаъоланд.

Ҳа, барои деҳҳқони ҳақиқӣ меҳнат истироҳат аст, ки ба рӯҳу бозӯи кас нерӯ мебахшад. Зимни сӯҳбат раиси хоҷагӣ, депутати Кенгаши ноҳия Мӯсоҷон Сотиволдиев иброз дошт, ки ҳар як коргари иҷорачӣ ва ходиму хизматчии хоҷагӣ нисбати солҳои пешин бо ғайрати дучанд меҳнат мекунанд. Чаро, ки натиҷаи заҳмати ҳалолу поки солонаи худро дида истодаанд. Ман ҳамчун роҳбари хоҷагӣ бо онҳо фахр мекунам.

## ҲИСОБДОН



Ҳаёт бо ҳисобу китоб аст. Дар тамоми ҷабҳаҳо агар ҳисобу китоб ба роҳ гузошта нашавад, як навъ бесарусомонӣ ба вуқӯъ меояд ва дар ҷамъият нохушиҳо сар мезанад. Ана ҳамин ҳисобу китоб ҳаст, ки ҳаёт бо як маром давом мекунад.

Зокиралӣ Бобоев солҳои тӯлонист, ки дар хоҷагии ширкати "Озод" ҳамчун муҳосиб фаъолият мебарад. Дар давоми кораш сарҳисоби хоҷагиро дуруст ба роҳ мегузорад. Манфиати ходимону коргарон ва иҷоракоронро ҳимоя менамояд. Дар вақташ музди меҳнати онҳоро ҳисобу китоб карда медиҳад.

-Ман аз пешаи худ розӣ ҳастам, - мегӯяд Зокиралӣ, - Ҳаракат мекунам, бо меҳнати худ баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хоҷагӣ, дар вақташ додани музди меҳнати тамоми аъзоёни ширкат саҳмгузор бошам ва онҳо низ аз ман розӣ бошанд. Зеро ҳисобу китоб кори нозук аст ва аз кас масъулияти калонро тақозо мекунад. Ҳамин масъулият водор месозад, ки ман сидқидилона монда нашуда заҳмат кашам..

Ба коратон омад ёр бошад!

**Р. ТОШМАТОВ.**

# ТАЙЁРӢ БАРОИ БА РӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ

Президенти Республикаи Ӯзбекистон 5 феврали соли 2019 таҳти рақами ПФ-5655 Фармон "Дар бораи тасдиқ намудани Консепсияи барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2022 дар Республикаи Ӯзбекистон"-ро қабул кард.

Мувофиқи ин қарор 1-25 ноябри соли 2023 ба тариқи озмоиш ин тадбир дар ноҳияҳои Хӯҷаободи вилояти Андиҷон, Чирчиқи Болои вилояти Тошканд, шаҳри Хиваи вилояти Хоразм ва ноҳияи Яшнободи шаҳри Тошканд ба амал бароварда мешавад.

Барои ба иҷро расонидани ин амал бояд дар тамоми шаҳру ноҳияҳои республика тайёрии ҳамаҷониба дида баромада шавад. Аз ҷумла,

-Низом дар бораи тартиби тайёрӣ ва ба рӯйхатгирӣ.

-Дастури ба рӯйхатгирии санҷишӣ (озмоишӣ);

-Рӯйхати шаклҳои варақаи ба рӯйхатгирӣ;

-Низом дар бораи ҷалб кардани ходимон барои барӯйхатгири аҳолӣ ва музди он;

-Омӯхтани "Харитаи роҳ" барои эълони натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва тайёрӣ ба он шинос шудани масъулон;

Кумитаи Омори давлати Республикаи Ӯзбекистон мувофиқи Қонуни Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи харидҳои давлатӣ барои солҳои 2020-2023 корҳои харидро ба роҳ гузошта, тамоми идораҳои дахлдорро ба техникаҳои сервер, компютер, принтер, сканер ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин хоҳад кард. Лоиҳаҳои тайёркунии ҳуҷҷатҳо ва аз экспертиза гузаронидани онҳоро ба роҳ мегузорад. Ҳамчунин таъмини органҳои омори ҳудудӣ бо ускунаҳо, воситаҳои алоқа ва каналҳои алоқаи босуръат дар назар дошта шудааст.

То 1 апрели соли 2021 бояд пунктҳои аҳолинишин, номи кӯчаҳо, хонадонҳоро пурра бо рақам гирифтан пешбинӣ шудааст ва то соли 2023 бо баҳисобгирии тағъиротҳо пурра кардани он таъкид гардидааст.

Барои ҳамин шӯъбаи омори ноҳияи Сӯх ҳам кайҳо барои ба амал татбиқ кардани ин фармон корҳои тайёриро оғоз кардааст. Оиди фармони мазкур чораву тадбирҳо андешида шуд ва ният дорем тамоми корҳои тайёриро ба анҷом мерасонем, барои иҷрои он кӯшишу ғайрат мекунем.

**Бунёд УРУНОВ,**
**сардори шӯъбаи омори ноҳияи Сӯх.**

# ЭЪТИБОР БА ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Забон мояи ифтихори ҳар миллату халқ аст. Вай воситаи асосии алоқаи байни халқҳо мебошад ва тамоми давлатҳо барои обруву нуфузи забони худ мекӯшанд. Аз ҷумла дар Ӯзбекистон ҳам барои рушду нумӯъи забони давлатӣ - ӯзбекӣ чораву тадбирҳои саривақтӣ андешида мешавад.

Ҳокимияти вилояти Фарғона 26 октябри соли 2020 таҳти рақами 281 Дар бораи чораву тадбирҳои такмилу рушди забони ӯзбекӣ ва сиёсат оиди забон дар мамлакат қарор қабул намуд. Мақсад аз қабули қарор иҷрои амалии Фармони Президенти Республика аз 20 октябри соли 2020 таҳти рақами ПФ - 6084 мебошад,

Дар ноҳияи мо ҳам оиди иҷрои фармону қарорҳо чорабиниҳои зиёде ба амал бароварда мешавад. 3 ноябри соли ҷорӣ ҳокими ноҳия таҳти рақами 820 оиди иҷрои қарори ҳокимияти вилоят қарор қабул кард ва вазифаҳои асосии аҳамияту моҳияти забони давлатиро маънидод кард. Мувофиқи ин қарор:

-Ба ҷонишини ҳоким Б. Латипов, маслиҳатчии ҳоким А. Тӯрабоев, мудири ШТХ А. Темиров, мудири МТТ Г. Усмонова вазифаи эътибор ба омӯзиши забони ӯзбекӣ дар муассисаҳои таълими томактабӣ, таъминот ва ташкили он,

-Ба маслиҳатчии ҳоким А. Тӯрабоев, роҳбари ТВ Сӯх Ф. Миршарипов вазифаи ташкилу ба эфир додани гуфторҳову намоишҳои силсилавӣ оиди мавзӯъҳои "Эътибор ба забон", "Бо забони модарӣ гап мезанем", "Маҳорати наттоқӣ", "Забон - оинаи миллат", "Китоб - манбаи дониш", "Ҷавонони донишманд - бунёдгарони оянда" ...

Ҳамчунин, ба ҷонишини ҳоким Б. Латипов, маслиҳатчӣ А. Тӯрабоев, мудири ШТХ А. Темиров, мудири МТТ Г, Усмонова, ТВ Сӯх Ф. Миршарипов, муҳаррири "Садои Сӯх" С. Тоҳировҳо ҷавобгарии шахсӣ оиди иҷрои ин қарор супурда шудааст.

# ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲЕМ

**1.Қарори ПҚ-4707 аз 4 августи соли 2020 чӣ мазмунро дорост?**

Ҷавоб: оиди дида баромадани тартибу таомули таъини нафақа ба бачагони то 2 сола, ба оилаҳое, ки бачагони то 14 сола доранд ва ёрии моддӣ ба оилаҳои камбизоат буда, тибқи соҳоти ахбороти "Реестри ягонаи ҳимояи иҷтимоӣ" ба амал бароварда мешавад.

**2.Оиди гирифтани нафақа барои бачагони то 2 сола, парвариши онҳо ёки ёрии моддӣ ба киҳо муроҷиат ва чӣ гуна ҳуҷҷатҳоро омода кардан зарур аст?**

Ҷавоб: Ариза оиди ин масоил ба органи худидоракунии шаҳрвандон тақдим карда ва ба рӯйхат гирифта мешавад.

**3.Кадом ҳуҷҷатҳо тақдим мегардад?**

Ҷавоб: Нусхаҳои паспорти аъзоёни оила, нусхаи ҳуҷҷате, ки дар хориҷ набудани аризадиҳандаро тасдиқ мекунад. Пропискаи доимӣ ва ё муваққатӣ, гувоҳномаи ақди никоҳ, гувоҳномаи таваллуди бачагон тақдим карда мешавад.

**4.Муддати муроҷиат чӣ қадар аст?**

Ҷавоб: Ариза ва ҳуҷҷатҳои лозима то санаи 15-уми ҳар моҳ бояд тақдим карда шаванд.

**5.Муддати таъиноти ёрии моддӣ, нафақа барои парвариши кӯдак, оилаҳои серфарзанд чӣ қадар аст?**

Ҷавоб: -Барои бачагони то 2-сола то 12 моҳ,
-Барои бачагони то 16-сола то 6 моҳ,
-ёрии моддӣ ба оилаҳои камбизоат - 6 моҳ.

**6.Миқдори ёрии моддӣ ва нафақаҳои иҷтимоӣ алҳол чӣ қадар аст?**

Ҷавоб: 1.Барои бачагони то 14-сола
Барои 1 бача - 131000 сӯм,
Барои 2 бача - 217000 сӯм,
Барои аз 3 бача зиёд - 304000 сӯм.
2.Барои бачагони то 2-сола - 434000 сӯм,
Ёрии модӣ - 436000 сӯм.

**7.Муддати додани пули нафақа аз кай то кай аст?**

Ҷавоб: Додани пули нафақа ва ёрии моддӣ аз санаи 4 то 27-уми моҳ аст.

**8.Дар як вақт ҳам нафақаи иҷтимоӣ ва ҳам ёрии моддӣ гирифтан мумкин аст ё не?**

Ҷавоб: Фақат як намуди онро гирифтан мумкин аст.

**9.Кадом вақт таъиноти ёрии моддӣ ё нафақапулӣ ба оилаҳои серфарзанд рад карда мешавад?**

Ҷавоб: Агар қайд (прописка)-и ҷои истиқоматӣ надошта бошад;

Агар даромади моҳона ба ҳар сари аъзоёни оила аз меъёри нишондодашуда зиёд бошад;

Агар дар аъзоёни оила аз як зиёд мулки доимӣ (кучмас мулк) мавҷуд бошад;

Дар аризадиҳанда ва аъзоёни оилааш агар автотранспорти соз, ки муддати истеҳсолаш аз 20 сол зиёд набошад.

Ҳангоми мавҷудияти ду ва ё зиёда аз он автотранспорти соз;

Агар дар оила аъзои ба меҳнат лаёқатманд бошанду бе ҳеҷ асос кор накунанд;

**Ш. ҚУТБИДДИНОВ,**
**мудири шӯъбаи "Реестри ягонаи ҳимояи иҷтимоӣ"-и ноҳияи Сӯх.**



# АЗ ҲАР ГӮША БОХАБАР

Бо ташаббуси сарвари давлат имрӯзҳо дар тамоми гӯшаву канори Ӯзбекистон баҳри беҳбудии шароити зисти мардум басо чораву тадбирҳо андешида шудаву роҳандозӣ мешавад, ки мо инро дар симои Сӯхи бостон дида истодаем. Дар ҳама ҷабҳа ислоҳот дар авҷ аст.

Имрӯз ҳаётро бе техника тасаввур карда наметавонем. Ба кадом коре даст назанем, он ҷо як асбоби техникӣ корбаст мешавад, ки ба сифату самара бе таъсир намемонад.

Дар рушди техника ҳама дар ҳайратанд. Хабареро аз кунҷи дигари дунё дар як дақиқа мефаҳмем, муаммоеро бе оворагиву давутоз ҳал мекунем, аз ҳоли хешону дӯстони дур бохабарем. Ин ҳама рушду нумӯи техника аст.

Рӯзҳои охир дар Сӯхи шариф алоқаи мобилӣ бо суръат пеш меравад, ки дар он ҳиссаи коркунони шӯъбаи алоқа беандоза аст. Мардум тавассути интернет баҳри баланд бардоштани маънавияти хеш аз таъмин кардани анҷомҳои мавҷқабулкунии баландсуръат дастрас шудаву аз олами пурэъҷоз огоҳ бошанд мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ходимон ба мисли лабаранти кабели оптикӣ Ҷамбул Бекматов, монтёрҳо Уткир Ҷӯраев ва Хурсанд Мирҳусайновҳо дар ҳаллу васли телефонҳои мобилӣ деҳа ба деҳа гашта ба мардум меҳнати беминнат карда истодаанд, ки.ҳама аз кори онҳо мамнунанд.

**М. НАЗАРҚУЛОВ**



*Бахшида ба Рӯзи қабули Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ҳайати кории сектори 4-ум (сарвараш Ф, Тӯрабоев) бо дастовезҳои худ аз ҳоли пиронсолону беморон ва ногиронҳои ҳудуди сектор хабар гирифта, рӯҳу кайфияти онҳоро боло бардоштанд.*

# АЗ ФИРЕБГАРОН ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

Мувофиқи қарори 291 аз 9 апрели соли 2019 Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон то 10 феврали соли 2021 мавсими даъвати навбатии хизмати ҳарбӣ оғоз гардид. Аз ин мавсим баъзе ашхоси фиребгар фоида бурданӣ шуда, сабабгори нофаҳмиҳои зиёд дар байни даъватшавандагон шуда истодаанд. Фиребгарон барои бе ҳеҷ мамониат ба хизмати муддатноки ҳарбӣ гуселонидани ҷавонон пул ситониданро касб карданд, ки ин ҷинояти маҳз аст. Ана барои ба ҳамин доми фиребгарон наафтодан Шӯъбаи мудофиаи ноҳия огоҳ месозад:

1.Дар Шӯъбаи корҳои мудофиа ба расмӣ даровардани гувоҳномаҳои ҳарбӣ бепул аст (гувоҳномаҳои гумшудаву корношоям аз ин мустасно).

2.Корҳои расмӣ кардани ҳуҷҷатҳо ба "Мактаби Темурбекҳо", омӯзишгоҳҳои олии ҳарбӣ, инчунин ҷалб кардани ҷавонон ба озмунҳо бепул ба амал бароварда мешавад.

3.Гузаштан аз хизмати ҳарбӣ (якмоҳа)и захираи даъвати сафарбаркунӣ мувофиқи қарори 99 соли 2003 Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон 20 баробари ҳадди ақалли музди меҳнат буда, алҳол 4775,690 (чор миллиону ҳафтсаду ҳафтоду панҷ ҳазору шашсаду навад) сӯм аст.

**Маъмурияти Шӯъбаи корҳои мудофиаи ноҳияи Сӯх.**
**Тел: +99873-462-53-92. +9989-516-55-56. +99873-462-50-52**
**Сардори Шӯъбаи мудофиа, майор Т. ҶАЛИЛОВ.**

ТАБИБОНИ МО

# ДАНДОНРО ЭҲТИЁТ БОЯД КАРД,



- мегӯяд духтури дандони поликлиникаи оилавии деҳаи Тӯл Холматҷон Воҳидов.- Вай на танҳо ҳусни зоҳирии инсон, балки ба ҷисму рӯҳи он низ зарур аст. Барои ҳамин аз кӯдакӣ то пиронсолӣ дандонҳоро парвариш, нигоҳубин ва эҳтиёт кардан ба нафъи худи мост.

Холматҷон Воҳидов 32 сол инҷониб камарбастаи хизмати мардуми деҳоти Тӯл, Қалъача, Ғазноб мебошад ва туфайли меҳнати ҳалолу малакаи хуби фаъолияти корӣ маҳбубият пайдо кардааст.

Вай ба беморон сари вақт ёрӣ расонида оиди пешгирии ҳар гуна касалиҳои дандон ба корафтодагон маслиҳату тавсияҳо медиҳад...

**Р. ТОШМАТОВ.**

ТАНДУРУСТӢ

# ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ ЭПИДЕМИИ ОИТС

Мувофиқи маълумоти ЮНЭЙДС (созмони байналхалқӣ) дар кураи замин алҳол 76 миллион одам вируси ин бемориро, ки мо ОИТС мегӯем, ба худ гузаронидаст. 39 миллион (1,7 миллион бачагон) нафар ба ин бемори гирифтор аст.

Дар республикаи мо то 1 ноябри соли 2020 43,5 млн одам гирифтори инфексия аст. Дар 10 моҳи соли 2020 - 2304 нафар ба рӯйхат аз нав номнавис шуд. Дар вилоят бошад, то 1 ноябри соли 2020 3396 нафар гирифтори инфексияи ин вирус буда, 48,6 фоизи онро занон ташкил медиҳанд. Дар шаҳрҳои Фарғона (9,6), Марғилон (7,0), Қуқанд (6,8) , ноҳияи Сӯх (11,6), Данғара (8,3), Учкуприк (6,3), Ӯзбекистон (6,3) ва Бағдод (5,7)-ро ташкил медиҳад, ки аз нишондоди вилоят болост. 62,5 фоиз ҷавонони аз 19 то 49-солаанд.

Сабаби ин беморӣ алоқаҳои ҷинсии бемаром мебошад. Дар паҳншавии ин беморӣ нақши муҳоҷирон (мигрантҳо) назаррас аст. Масалан, соли 2016 52 нафар бошад, соли 2019 132 нафар муҳоҷир дучори ин вирус шудааст.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки фақат ходимони тиб не, балки тамоми ҷамъият аҳлона бар зидди ин гуна ҳолатҳо мубориза баранд, корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ гузаронанд ва ҳамин тавр пеши роҳи онро гиранд.

Ба ҳамин мақсад тадбирҳо бахшида ба пешгирии ОИТС зери шиори "ҳамҷиҳатии байналхалқӣ - масъулияти умумӣ " тадбирҳо гузаронида шуда истодаст, ки ин аз рӯи "Рӯзи мубориза алайҳи ОИТС дар дунё" мебошад. Бо ҳамин гуна василаҳо дар байни мардум, хусусан, ҷавонон моҳият ва оқибати инфексияи ОИТС тарғиб карда мешавад. Барои ҳаёти солиму бардавом ба меъёри зиндагии мардумӣ ҳатман риоя кардан зарур аст.

**А. САЙФИДДИНОВ,**
**шифокор, инфексионисти маркази ОИТС.**
**Ф. ШОДИЕВ,**
**ёрдамчии врач.**

# БОТУЛИЗМ ЧӢ ГУНА БЕМОРИСТ?

Микроби ин беморӣ аксар вақт дар маҳсулотҳои аз гӯшту шир тайёр-кардашуда, ки муддатҳои тӯлонӣ бозмонда вайрон шудааст, пайдо мешавад. Даври ниҳониаш аз 2 соат то 10 рӯз аст. Одами бемор дилбеҳузур, беҳол, чашмҳояш хира, ҳарораташ баланд (то 38-40° ) дарунрав, сустҳаракат мешавад. Ҳатто ба фаъолияти сохти системаи асаб, дилу рагҳо низ таъсир мерасонад. Агар ба шифокор муроҷиат накунад, аҳволаш бад ва то марг оварда мерасонад. Барои ҳамин то омадани табиб ба бемор бештар истеъмоли оби ҷӯшонидашуда тавсия карда мешавад. Барои пешгирии ин беморӣ бояд ҳангоми тайёркунии консервҳо ба қоидаҳои гигиенӣ ва санитарӣ ба таври қатъӣ бояд риоя карда шавад. Хӯрокро ҳатман аз маҳсулотҳои босифат омода сохтан, тоза шӯстани маводи хӯрокӣ ва ҷӯшонида аз микроб хориҷ кардан зарур аст. Ҳар як кадхудо бояд донад:

1.Аз бозор ё дӯконҳо маҳсулотҳои консервҳои бе ярликро нахаридан,

2.Маҳсулоти бесифат, бесертификатро нагирифтан,

3.Пеш аз кушодани сарпӯши банкаҳо онро наҷунбонда аз назар гузаронидан.

4.Ҳангоми истеъмол ба таъми маҳсулот эътибор додан.

5.Ҳангоми эҳсоси нохушӣ дар тана дарҳол ба шифокор муроҷиат кардан.

Ба тозагӣ дар оила эътибор додан шарт аст. Агар бепарвогӣ зоҳир накунем, ҳеҷ гоҳ бемор нахоҳем шуд.

**Р. ТОҶИЕВ,**
**сардухтури шифохонаи марказӣ.**
**Ҳ. САФАРОВ,**
**шифокори Маркази саломатӣ.**



***3 ДЕКАБР -***
***Рӯзи байналхалқии ногиронҳо буд. Ба ин муносибат сарвари Шӯъбаи алоқаи ноҳия Уктамҷон Ғоибназаров дасти сахо кушода, бо тӯҳфаҳои худ аз ҳоли чанд нафар ногиронҳову беморон хабар гирифта, рӯҳашонро болида дошт.***
***Аҳсан ба Ӯ!***

# НОМИ СОЗМОНҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ МАЪЛУМ ГАШТ

Мувофиқи моддаи 14 Қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз 30 июли соли 2018 "Мубориза алайҳи экстремизм" ташкилотҳое, ки амалиёташон зиддиҷамъиятӣ аст, бо роҳи суд ҳаллу фасл мегардад. Ариза дар бораи ҳамчун ташкилоти экстремистӣ донистани ин ё он ташкилот аз номи Сарпрокурори Республикаи Ӯзбекистон ба Суди Олии Республикаи Ӯзбекистон дода мешавад. Кадом ташкилоте, ки фаъолияташ дар руҳи экстремистӣ бошад ва дар ин бора қарор қабул гардад, рӯйхати онҳо дар Веб-сайтҳои Вазорати Адлияи Республикаи Ӯзбекистон ва суди олӣ эълон шуданаш лозим.

Мувофиқи моддаи 11-и Қонуни фавқуззикр:

-Ба ҳудуди кишвар овардани маводҳои экстремистӣ;

-Рамзу нишонаҳои ташкилотҳои экстремистӣ;

-Омодасозии ҳар гуна маводҳои чопӣ, сабтҳои магнитӣ;

-Паҳн кардан, нигоҳ доштани онҳо;

-Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, телекоммуникатсия, воситаҳои ахбори оммавӣ намоиш додану паҳн кардани онҳо манъ карда мешавад. Онҳо ҳамчун маводҳои экстремистӣ аз рӯи қонун ба расмият даровгарда мешавад.

Мувофиқи қарори Суди олии Республикаи Ӯзбекистон аз 12.03.2019 профил, канал ва саҳифаҳои зерин ҳамчун экстремистӣ ва террористӣ номнавис гардидааст:

1. "Абу Салоҳ дарсликлари".
2. "Жаннат ошиқлари".
3. "Шом овози".
4. "Тавҳид ва жиҳод".
5. "Islam Abu Khalil".
6. "Полвон Новкатлик".
7. "Соҳиб Маҳмудов"
8. "Фаррухбек Абдуллаев".
9. "Мамараҳимов Абдураҳим Миркомилович"
10. "Муҳожир Полвон".
11. "Abu Aisha".
12. "Turkiston".
13. "Хуррият инфо".
14. "Нажот".
15. "Ал-Ваъй".
16. "Роя".
17. "Usulul fiqh".
18. "Mustalahul hadis".
19. "Darslardan qisqa lavhalar".
20. "Fiqh ahkomlari".
21. "Tavhid darsi".
22. "Qiyomatdan avvalgi fitnalar".
23. "Savol va javoblar".
24. "Foida Mp3".
25. "Foida va qoidalar".
26. "Tafsir darslari".
27. "Talbisu iblis darslari".
28. "Islomni buzuvchi amalar darslari".
29. "Nomoz va benomozga taluqli masalalar".
30. "Ayollar darslari silsilasi".
31. "Aqiyda darslari".
32. "Silsilaviy darslar va ma'ruzalar".
33. "Muhim darslar".
34. "Aqidatul vositiya".
35. "Alfatx"
36. "Talabalar uchun darslar".
37. "АЛЪ ФАТХ ТВ".
38. "DA'VAT UZ".
39. "HIDOYAT TV".

**Р. М, ШОДИЕВ,** майор, вакили калони тезкори ТЭҚКГ-и ШКД.
**Ю. А. ТОЖИБОЕВ,** лейтенанти калон, вакили тезкори ТЭҚКГ-и ШКД.

# СЕ ҷиноят

**1**

Дар асоси маълумоти ба мо расида, дар ҳамкорӣ бо ходимони тезкори қисми ҳарбии 9208 хонадони сокини ҶШМ Чумоқча У. А. бо иштироки холисон аз назар гузаронида шуд. Ҳини тафтиш аз боми молхонаи У. А. чизи бо полимери сиёҳ печонидашудае дарёфт гардид. Бо иштироки холисон кушода дидем, ки дохилаш моддаҳои тухмимонанд ва баргҳои хушконидашудаи растании нашъа мавҷуд аст. Ин моддаҳо барои тафтиш ба тариқи ашёи далелӣ гирифта шуд.

Ғайр аз ин, вақте бо иштироки холисон ҷои хоби У. А. аз назорат гузаронида шуд, он ҷо зери курсии телевизор аз дохили қуттии сигаретаи PALL MALL як дона сигаретаи "Беламорканал" дохилаш моддаи зардранги майдакардашудаи бӯдор дарёфт гардид. Он ҳам ба сифати ашъё гирифта шуд.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ аз 07.11.2020, таҳти рақами 760 дар таркиби моддаҳои сабзранги майдакарда хушконидашуда ва дорои бӯи хос, ки ба шаҳрванд У. А. дахл дорад, моддаи гиёҳванди фаъоли тетрагидроканнабинол, ки МАРИХУАННА мегӯянд, мавҷуд буда, вазнаш 67 (шасту ҳафт) граммро ташкил медиҳад.

9 ноябри соли 2020 нисбат ба У. А. мувофиқи банди "а", қисми 2-и моддаи 276-и Кодекси Ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон кори ҷиноии рақами 302261/2020-025 кушода шуд ва корҳои тафтишотӣ давом дорад.



**А. АБДУЛЛОЕВ,**
**муфаттиши калони гурӯҳи тафтишоти ШКД-и ноҳия.**

**2**

11 ноябри соли 2020 ба Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия маълумоти тезкор расид ва аз рӯи он корҳои назоратӣ гузаронида шуд. Дар сарҳади замини тобеи ширкати Сӯх, дар ҳудуди ҶШМ Навобод Дамаси рангаш сурхи рақами давлатиаш 40 F XXX DA дар мо шубҳа андохт ва бо иштироки холисон мошин ва шаҳрвандони дохили мошин бударо аз назорат гузаронидем. Дар натиҷа аз кисаи даруни курткаи сокини ҶШМ Навобод М. Г. аз дохили қуттии сигаретаи KENT сигарети "Беламорканал", аз кисаи чапи курткаи чармини сиёҳи сокини ҶШМ Навобод Ш. Ю. моддаҳои тухмимонанд ва барги растании нашъаи рангаш сабзи сафедтоб, ки ба коғаз печонида шудааст, дарёфт гардид.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ аз 12.11.2020, таҳти рақами 770 дар таркиби моддаҳои сабзранги майдакарда хушконидашуда ва дорои бӯи хос, ки аз шаҳрванд Ш. Ю. дарёфт шуд, моддаи гиёҳванди фаъоли тетрагидроканнабинол, ки МАРИХУАННА мегӯянд, мавҷуд буда, вазнаш 1,33 (яку аз даҳ сию се) граммро ташкил медиҳад.

16 ноябри соли 2020 нисбат ба Ш. Ю. мувофиқи қисми 1-и моддаи 276-и Кодекси Ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон кори ҷиноии рақами 302261/2020-027 кушода шуд ва корҳои тафтишотӣ давом дорад.

**А. Ғ. ҚОСТУРАЕВ,**
**лейтенанти калон, муфаттиши гурӯҳи тафтишотии ШКД-и ноҳия.**

**3**

Дар тадбири тезкори ходимони тафтишоти ҷинояти ШКД-и ноҳия, ки дар бозори Панҷшанбеи ҳудуди ҶШМ Тул гузаронида шуд, як ҳаракати ғайриқонунӣ муайян гардид.

Сокини ҶШМ Қалъача Н. З ҳангоми ба сокини ҶШМ Ровон Н. А. ба ивази 10000 (даҳ ҳазор) соми қирғиз ба миқдори 1.250.000 (як миллиону ду саду панҷоҳ ҳазор) сӯм иваз карда доданаш дастгир шуд. Ин ҳаракати ӯ хилофи қонун буда, мувофиқи моддаи 170-и Кодекси Ҷавобгарии Маъмури Республикаи Ӯзбекистон аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавҷуд аст. Бинобар ин ба Суди ноҳияи Сӯх доир ба корҳои маъмурӣ ҳавола карда шуд.

**Д. М. ЭРМАТОВ,**
**вакили тезкори Гурӯҳи тафтишоти ҷинояти ШКД.**

# ФИРЕБГАРИ ГУЗАРО

Истиқоматкунандаи маҳаллаи Девайрон Ғойибов Ғ. М, ки 31.-3.1994 таваллуд ёфтааст, фиребгариро ба худ касб кардааст ва аз боварии одамон сӯиистеъмол намуда, ба роҳи нопок даромадааст.

Вай 3.01.2020 бо Тошпӯлатов А. А. ном сокини ноҳияи Данғара бо телефон гапзанон карда, худро "Қаҳрамон" муаррифӣ мекунад ва гузаронидани молро аз Водил ба Тошканд гапзанон мекунанд. Барои хизмат 3,5 млн сӯм талаб мекунад ва молро ба номи Тошпӯлатов расмӣ кунонида гувоҳномаи ронандагӣ, паспорт, гувоҳномаи техникии транспортро ба худ мегирад. Ҳамчунин баллони мошинро ҳам барои мувaққат гирифта ғайб мезанад.

Ғ. М. Ғойибов фиребгариро давом дода, ба Якубов О. М. низ бо роҳи фиреб ҳуҷҷатҳоро мегирад ва ҳамин тавр ба боварии ӯ сазовор шуда 40 000 сӯм пӯлашро ҳам ба даст мегирад, ки ин ҷинояташ ба банди "б" қисми 3, моддаи 168 Кодекси Ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон рост меояд.

Дар натиҷаи тафтиш аз Якубов О. М. гувоҳномаи ронандагӣ, (№ АҒ03438), паспорти АА 7223302, ки ба А. А. Тошпӯлатов мутааллиқ аст, ҳамчун ашёи далелӣ гирифта шуд. Хулоса, Ғойибов Ғ. М. ҷинояти бадқасдона содир мекунад, гувоҳномаи ронандагӣ ва техникии автотранспорт, ба замми ин баллони мошини боркашро, ки қиматаш 1500000 сӯм аст, азхуд карда, бо ҳамин ҷиноят содир мекунад. Ҷинояти ӯ ба қисми 2 "а", моддаи 227, ба қисми 1 "а", моддаи 168 Кодекси Ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон мувофиқ меояд.

Ба ҳамаи ин фиребгарию сӯиистеъмоли боварии шахсони алоҳида нигоҳ накарда, вай амалиёташро давом медиҳад. Гоҳ номашро "Қаҳрамон", гоҳ "Искандар" гуфта, боз чандеро ба доми худ меафтонад ва ҳамин тавр рафтор мекунад.

Намедонад, ки охири ин кор вой аст. Вай ба ҳамаи ин кирдукораш дар назди Қонун ҷавоб хоҳад дод.

**Д. Х. МАҲМУДОВ, капитан,**
**сардори шӯъбаи тафтишоти ШКД-и ноҳияи Фарғона.**

# МОҲТОБХОН - ФАХРИ МАКТАБ

Дар синфи 2 "б"-и мактаби рақами 1, 30 нафар хонандагон, ки аксариятaшон фаъолу аълохонанд, аз устодашон, хатмкардаи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Муллоҷон Файзиддинов, ки собиқаи 5 солаи корӣ дорад, илм меомӯзанд.

Мо бо баҳонаи дар ҳаққи хонандаи ин синф Моҳтобхон Ҳаётҷонова, ки дар озмуни "Лоиқхонӣ" (ба тариқи онлайн) иштирок карда, сазовори ҷои дуюм гаштааст, чизаке навиштан дар ин синф шудем. Тозаву озодагӣ, сариштагию ҷиҳози синф - ҳама мувофиқи матлаб буда, формаю ашёҳои хониш ва ҳусни хати бачаҳо кирои навиштану гуфтан буд. Муаллим дар бораи шогирдон, одобу ахлоқ ва дониши онҳо сухан мекарду ному фамилияи Муҳаммадсолеҳ Расулҷонов, Чарос Усмонбоева, Почохон Ашӯралиева, Билолиддин Низомиддинов, Ҳуснова Маҳмудалиева, Ҳайитхон Толибчонова ва чанде дигарон бо фахр ба забон мегирифт.

Баъд мо сабабгори иншои ин маводи хурдакакамон Моҳтобхон Ҳаётҷоноваро назди тахтаи синф бароварда, саволу ҷавоб намудем. Аз ӯ шеърҳо гӯш кардем. Маълум гашт, озмуни "Лоиқхонӣ" бо ташаббуси шоир Асадулло Шукуров ба тариқи онлайн байни



хонандагони синфҳои 1-4 гузаронида шуд. Дар озмун аз тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ 326 нафар хонандагон иштирок карда, маҳоратaшонро намоиш доданд. Дар озмун ҷои аввал насиби хонандаи самарқандӣ Рухшона Орзуқулова, ҷои дуюм насиби Моҳтобхон Ҳаётҷонова ва ҷои сеюм насиби хонанда аз ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Муноҷот Сайфуллоева гашт.

Рости гап тавассути телефон сӯҳбати мухбири телевизиони Самарқанд Дилрабо Назароваро бо Моҳтобхон шунида ба ваҷд омадем. Гуфтанист, ки рӯзи супоридани мукофотҳо, ки аз соати калони деворӣ, "Ифтихорнома", китобу дафтар, шашкаю шоҳмот иборат буд, ҳокими ноҳия ҳузур дошта, Моҳтобхонро ба маблағ сарфароз гардонид ва ба ӯ дар хондану оянддааш дурахшониҳо таманно кард.

Офарин Моҳтобхон! Мо низ дар хондану ояндаат бурдборию пешравиҳо хоҳонем. Аз ту умеди мактаб, умеди бобою момо ва падару модарат, зиёда аз ин Сӯхи шариф бағоят калон аст. Бигзор дар оянда номбардори волидон ва аҳли диёр гардӣ!

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ,**
**Баҳриддин ТОҶИДДИНОВ,**
**мухбирони рӯзнома.**

# ОМӮЗИШИ БОЗИҲОИ МИЛЛӢ

Варзиш як рукни асосии ҳаёти мост. Чаро, ки варзиш гарави саломатӣ, рамзи сулҳу салоҳ аст. Аз ин рӯ, шифокорон тавсия медиҳанд, ки фарзандон ҳанӯз аз синни хурдсолӣ ба варзиш бояд шуғл варзанд. Дар мактабҳо ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ гузаштани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ низ аз ҳамин сабаб аст. Чунки ин фан, яъне варзиш барои ҳаматарафа солиму бардам камол ёфтани авлоди наврас замина мегузоранд.

Имрӯзҳо дар мамлакати мо ба соҳаи варзиш боз ҳам бештару беҳтар эътибор зоҳир мегардад. Дар мактабҳо барои ривоҷи соҳаи варзиш тамоми шароитҳо муҳайёст, золҳои варзишӣ, асбобу анҷомҳои варзишӣ фаровон аст. Аз ин рӯ, имконияtҳои таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳо низ васеъ гардидааст. Ғайр аз ин, имрӯзҳо қариб дар ҳар як деҳоти ҳудуди мамлакатамон майдонҳои замонавии варзишӣ, мактабҳои алоҳидаи варзишӣ ва фитнесклубҳо мавҷуданд, ки дар самаранокии таълими варзиш саҳм мегузоранд.

Бо вуҷуди ин, мо - муаллимони фанни тарбияи ҷисмониро лозим аст, ки боз ҳам бештар дар болои худ кор кунему роҳҳои завқбахши таълими ин фанро ба роҳ гузорем. Тарбияи ҷисмонӣ асосан фанни амалист, иҷрои амалҳои ҷисмонии варзишӣ маҳорату малака ва қувваи ҷисмонии хонандагонро рушду нумӯъ мебахшад. Лекин барои шуғли мунтазам ба бозиҳои варзишӣ шавқ бояд роҳбар бошад. Барои дар хонандагон нисбати варзиш зиёд намудани шавқу ҳавас мо муаллимони фанни тарбияи ҷисмониро лозим аст, ки мусобиқаву бозиҳои варзишии нав ба навро ташкил карда гузаронем. Хусусан, имрӯзҳо дар мактабҳо оммавӣ гардонидани бозиҳои миллӣ, ки аз қадриятҳои миллиамон ба ҳисоб меравад, ба ҳукми анъана даромадаст. Дар бачагӣ медонистем, ки дар байни халқи мо бозиҳои халлаки чӯб (лаққоқ бозӣ ҳам мегӯянд), гӯштин, парраббозӣ, рӯстшавакон, арғунчак ва ғайраҳо буд. Ана ҳамин хел бозиҳои халқиву миллиамонро байни хонандагони мактаб гузаронидан ба маврид аст. Чаро, ки ин намуд бозиҳо аз ҳар ҷиҳат завқу шавқи хонандагонро боло мебардорад. Аз тарафи дигар қадриятҳои миллӣ ва анъанаҳои халқиамонро зиндаву пойдор месозад.

Ман чун омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ меболам аз он, ки меҳнати мо самараи хуби худро медиҳад. Мисолан гуфта метавонам, ки шогирдони мо дар аксари мусобиқаву озмунҳои варзишии ҳудуди ноҳияву вилоят фаъолона ширкат варзида меоянд. Аз ҷумла, шогирдони мо Авазбек Олимов, Хуршедҷон Маҳмудов, Очахон Ҳамалова дар мусобиқаи варзишӣ аз рӯи шоҳмот дар вилоят ширкат варзида, бо гирифтани ҷойҳои намоён шарафи мактаб ва ноҳияамонро ҳимоя намуданд. Авазбек Олимов маротибаи дуюм дар чунин мусобиқаи вилоятӣ иштирок намуда, дар вилоят ҷои дуюмро сазовор гардид.

Лекин ба ин қаноат накарда, мо бояд ба тарбияи ҷисмонии хонандагони мактаб аз сидқи дил ҷидду ҷаҳд намоем.

**Рустамҷон АЗИМҶОНОВ,**
**омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонии мактаби рақами 8.**

# ЗАБОН ДОНӢ - ҶАҲОН ДОНӢ

Забон воситаи алоқаи инсон аст, барои ба ҳамдигар фаҳмонидани фикру мулоҳиза хизмат мекунад. Гузашта аз ин забон пояи миллат аст.

Яке аз роҳҳои асосии пешрафт ва тараққиёти давлату миллат ин алоқаи давлатҳо дар соҳаҳои илмиву техникӣ ва иқтисодӣ бо якдигар мебошад. Дар ин роҳ бошад, донистани забонҳои хориҷӣ аҳамияти муҳим касб мекунад. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси Президенти мамлакатамон Ш. Мирзиёев дар мактабҳо аз синфи якум сар карда чуқур омӯзонидани забонҳои хориҷӣ ҷорӣ какрда шуд. Ва барои самарадории сифати таълими забонҳои хориҷӣ аксари мактабҳо бо воситаҳои техникии лозима таъмин гардиданд, ки хонандагон метавонанд тавассути онҳо дар бораи давлатҳои хориҷа, ки забонашро меомӯзанд, филму наворҳо ва расмҳо тамошо намуда, доираи тасаввуроташонро афзоянд.

Бояд гуфт, ки дар омӯхтани забонҳои хориҷӣ пеш аз ҳама донистани забони модарӣ роли муҳим мебозад. Охир, вақте маънои калимаи забони хориҷиро намедонем, пас чӣ сон метавонон он забонро омӯхт? Одатан вақти омӯзиши забонҳо калимаҳои он забонро бо забони худ муқоиса карда меомӯзанд ва бо ҳамин роҳ тезу соз забони дигарро азхуд мекунанд.

Аз омӯзиш ва муқоисаҳои забони немисӣ бо забони тоҷикӣ маълум аст, ки калимаҳои аз ҷиҳати сохт ва маъно бо ҳамдигар наздик хеле зиёданд. Масалан: Фатер - Падар, Муттер - Модар, Брудер - Бародар...

Тараққиёту пешрафти техникиву иқтисодии имрӯза хеле равшан собит месозад, ки омӯхтану донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони немисӣ то чӣ андоза аҳамияти муҳим касб мекунад. Пас, биёед, забон донему ҷаҳон донем.

**Сӯҳбатҷон НАРЗИДДИНОВ,**
**омӯзгори забони немисии мактаби рақами 7.**

# АЗ ЗАҲРИ ГАЗ ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

Бо баробари фаропасии фасли зимистон эҳтиёҷ ба гази табиӣ, печҳои ангиштӣ зиёд мешавад. Чаро, ки хонаҳоро гарм кардан зарур аст. Дар хонадонҳое, ки дастгоҳҳои гармкунанда носозу муносибати аҳли хонадон нисбати истифодаи онҳо лоқайдона аст, ҳар гуна нохушиҳо сар мезанад.

Яке аз ин гуна нохушиҳо захролудшавӣ аз газ мебошад. Хӯш, ин газ, ки ба организми одам ҳалокатовар аст, чӣ гуна мебошад? Ин газ беранг, бебӯй ва бетамъ аст. Дар натиҷаи пурра насӯхтани гази табиӣ, ангиштсанг, моддаҳои органикӣ ин газ ҳосил мешавад. Дараҷаи заҳролудшавӣ ба миқдори ғуншавии газ чӣ дар печ ва чӣ дар қубурҳои носозу сурох вобаста аст. Вай дар хун тағъирот ба вуҷуд меорад ва ба гемоглубин ба реаксия даромада моддаи карбонгемоглобин ҳосил мекунад, ки рабти кори организмро вайрон месозад. Дар организм норасоии оксиген ба вуҷуд меояд ва ба боиси ҳалокат мегардад. Заҳролудшавӣ сабук, миёна ва вазнин мешавад. Сар дард мекунад, дил безуур шуда одам қайд мекунад, аз ҳуш меравад, нафасгириаш суст ва ҳатто марговар мешавад.

Чабрдидаро ба ҳавои тоза зуд бароварда, ба нафасгириаш ёрӣ додан ва ба шифохона бурдан лозим аст.

Вазъияти Фавқулода дар ин гуна ҳолатҳо

**ОГОҲ МЕКУНАД:**

-Ба пайвасти қубурҳои газ эътибор додан ва назорат кардан:

-Ба қоидаҳои бехатари техникӣ риоя кардан;

-Печ ва мӯриҳоро (дудбароҳо) тоза кардан;

Ҳангоми ҳис кардани бӯи газ дар хона ба инҳо риоя кардан шарт аст:

-Дару тирезаҳоро кушода шамол додан;

-Чароғи барқиро дар нагирондан ё хомӯш накардан;

-Ҷумракҳои газро маҳкам кардан;

-Зуд ба хизмати садамаи идораи таъминоти газ муроҷиат кардан:

Баъди ёрии аввалини тиббӣ додан ба ҷабрдида ба рақамҳои 103, 101, 104 телефон карданро фаромӯш накунед.

Агар бо ин ҳама тавсияҳо амал карда шавад, пеши роҳи ҳар гуна нохушиҳо гирифта мешавад. Барои ҳамин Шумо ҳамдиёрони азизро ба огоҳӣ даъват мекунем!

**Ҳ. ҲАСАНОВ,**
**сержант, сардори Шӯъбаи муҳофизати шаҳрвандони ШВФ-и ноҳия.**

# ХУРСАНДИИ КӮДАКОН



Имсол барои мардуми деҳаи Қалъача новобаста аз авзои имрӯзи олам соли бобарор омад. Дар ҷои кӯҳнаи кӯдакистони биноаш мувофиққардашуда бинои нави замонавӣ қад рост кард, ки дорои қулайиҳо ва таҷҳизоти замонавӣ мебошад. Ҳарчанд бино пеш аз Иди Наврӯз бунёд ёфта буд, хурӯҷи коронавирус нагузошт, ки он фаъолияти худро сар кунад.

Ана ҳоло чандест, ки кӯдакистони рақами 21 (тобеи муассисаи таълими томактабии ноҳияи Сӯх) дари худро ба рӯи 75 нафар кӯдакон боз кард ва аз ин тарбиятгирандагону волидони онҳо мамнун шуданд. Дар кӯдакистон ба риояи тартибу қоидаҳои карантин қатъӣ амал карда мешавад. Мудири кӯдакистон Сироятхон Бобоева якҷоя бо тарбиячиён назорати доимиро ба роҳ гузоштааст ва бахри тарбияву таълими кӯдакон саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Аз ҳама муҳимаш дар хонаҳои васею равшан ва саҳни ободи.кӯдакистон боз хандаю бозӣ ва хурсандию шодии кӯдаконро дида дилҳо аз фараҳ лабрез мегардад...

**Т. РАҲИМБЕРДӢ.**

Дипломи рақами К № 1783352, ки соли 2010 аз тарафи коллеҷи иҷтимоӣ иқтисодиёт ва педагогии Сӯх ба Акпаралиев Фариз Олимҷонович дода шудааст, бинобар гум шуданаш
**АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ ДОНИСТА ШАВАД.**

Мӯҳр ва штампи фирмаи "Нури Дурахшон" бинобар гум шуданаш
**АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ ДОНИСТА ШАВАД.**

Аттестати рақами O'R-A № 193383, ки соли 1997 аз тарафи мактаби рақами 3 ба Гулбаҳор Неъматова дода шудааст, бинобар гум шуданаш
**АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ ДОНИСТА ШАВАД.**

**Садои Сӯх**

НАШРИЯИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА АДАБӢ-БАДЕӢ

**МУАССИС:**
ҲОКИМИЯТИ НОҲИЯИ СӮХ

**САРМУҲАРРИР:**
СОДИҚҶОН ТОҲИРОВ

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**
*Аҳрори МАҲМУДЗОД,*
*Баҳриддин ТОҶИДДИНОВ,*
*Раҳримбердӣ ТОШМАТОВ,*
*У.ЗИЁДУЛЛОЕВ.*

Ҳисобсурат: 20208000300214636001. МФО:00542-ИНН:200185374, Шӯъбаи Агробанк
МАНЗИЛ: 151400, деҳаи Ровон, кӯчаи ба номи А. Темур, тел: (462 58 27). 99. 320.35.48.

E-mail: Sadoi Suh @ inbox.uz.

*ӮЗБЕКИСТОН МАТБУОТ ВА АХБОРОТ АГЕНТЛИГИ ФАРҒОНА ВИЛОЯТ БОШҚАРМАСИДАН 2007 ЙИЛ 9 ЯНВАРДА 12-022 РАҚАМИ БИЛАН РЎЙХАТДАН ЎТГАН. (ISSN 2010-829 X.)*

Газета Марғилон шаҳар "Полиграф-Пресс" МЧЖ босмахонасида босилди.

Қоғоз бичими А-3.
Буюртма № Адади: 800.

*Босмахона манзили: Марғилон шаҳар, Туркистон кӯчаси, 236 "б"ӯй, тел: 237-33-57.*

Топшириш вақти: 12.00
Топширилди: 11.30

Фикри муаллифон аз нуқтаи назари таҳририят фарқ карданаш мумкин.

Муҳаррири навбатдор: Б ТОҶИДДИНОВ.

*Мақола ва суратҳои ба таҳририят омада баргардонида намешавад. Рӯзнома моҳе ду маротиба чоп мешавад.*